# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дуюм ба диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзӯи ««Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV- XVI» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ). Душанбе, 2026.**

«Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ яке аз асарҳои нодири адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии доираи адабии асри XVI мебошад, ки муаллиф дар ин китоб рӯйдодҳои зиндагии хеш, хотираҳо ва мушоҳидаҳояшро ҷой додааст. Муаллифи он шоҳиди бевоситаи рӯйдоду ҳодисаҳо буда, асари мазкур оид ба масъалаҳои таърихи сиёсӣ ва фарҳангии асри XVI сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия дар мавзуи ««Бадоеъ-ул-вақоеъ» - и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV- XVI» ба ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки диссертант бори аввал «Бадоеъ-ул-вақоеъ» - и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ-ро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии таҳлил намудааст. Ҳамин тавр, мубрамӣ ва зарурияти таҳқиқи асари мазкур дар он аст, ки он то кунун дар таърихнигории ватанӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифтааст. Вобаста ба ин, таҳлили сарчашмашиносӣ ва таърихнигории он дар илми ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** омӯзиш ва таҳлили «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии интихоб гардидааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқ усулҳои таърихӣ-биографӣ, проблемавӣ-хронологӣ, ретроспективӣ, тавсифӣ истифода намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** аз он иборат аст, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба асари мазкури Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба шумор меравад. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия ***«Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ–таърихӣ дар асри XVI»*** аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввали боби якум ба масъалаи ***«Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ–таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ»*** бахшида шуда, дар он диссертант оид ба ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-адабии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маълумот додааст. Диссертант ба хулосае омадааст, ки мероси илмии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ то ба ҳол мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст.

Зербоби дуюми боби якум ***«Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*** номгузорӣ гардида, дар он диссертант вазъи таърихию сиёсии эҷоди асари мазкурро овардааст. Ба

назари диссертант, Зайниддини Восифӣ дар айёме умр ба сар бурдааст, ки мамлакати ӯ давраи бесарусомонӣ, кашмакашиҳои сиёсиро аз сар мегузаронид. Ин марҳилаи таърихӣ барои тоҷикон давраи ниҳоят мушкил ба шумор мерафт. Дар асар маълумоти ҷолиб роҷеъ ба вазъи сиёсии замон, масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ, ҳокимону дарбориён, аҳли афкор, доираи эҷоду ҳунар ва дигар масъалаҳо инъикос гардидаанд, ки хеле муҳим мебошанд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Инъикоси вазъи мазҳабӣ ва масъалаҳои динӣ дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»*** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм ***«Инъикоси низоъҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ»*** буда, дар он тасвири низоъҳои мазҳабӣ аз нигоҳи Восифӣ ҳадафи омӯзиш қарор дода шуда, таҳлили масоили динӣ, низоъҳои байниҳамдигарии Сафавиён ва Шайбониён анҷом гирифтааст. Диссертант ба натиҷае расидааст, ки низои мазҳабии замони Восифӣ фоҷеаҳои зиёдеро ба бор оварда, ба инкишофи ҳаёти илмӣ, маданӣ ва хоҷагии халқ таъсири манфӣ расондааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм ***“Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»*** масъалаҳо марбут ба унвону мансабҳои динӣ, унвон ва мансабҳои давлатӣ-маъмурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Ба андешаи диссертант дар асри XVI барои умури идораи давлат ва танзими аҳволи динии мамлакат унвон ва мансабҳои зиёди динӣ амал мекард, ки дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ» мавқеъ ва нақши онҳо дар ҳаёти динӣ нишон додааст.

Боби сеюми диссертатсия ***«Бадоеъ-ул-ваҷоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI»*** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ***«Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ»*** ном дошта, инъикоси сабку услуб ва сохти ёдгориҳои меъморӣ ва касбу ҳунарҳо дар осори Восифиро дар бар мегирад. Диссертант

менависад, ки бунёди қалъаю қаср, мақбара, мадрасаю масҷид, корвонсарой, миршабхона, ҳаммому майдонҳо варзишӣ, дар ҳаёти фарҳангии асри XVI низ як ҳукми анъана будааст, ки он дар асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ низ қайд гардидааст.

Зербоби дуюми боби сеюм ба масъалаи ***«Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*** бахшида шуда, дар он муҳим будани нақши санъат дар ҳаёти мардум, намудҳои санъат, созҳои миллӣ ва навозиши асбобҳои мусиқӣ дар байни мардум, иҷрои санъати рақс, санъати наққошӣ, адабӣ-бадеӣ, санъати дӯхти сару либос ва омода кардани ғизоҳо ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба андешаи диссертант дар бораи санъати мусиқӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» маълумоти ҷолиби диққат дода шудааст. Восифӣ номи ҳофизон, раққосон, навозандагон, номи асбобҳои зиёди мусиқиро дар асар нишон додааст.

Зербоби сеюми боби сеюм ***«Инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*** унвон гирифта, ба ташкил ва баргузории маросими тӯй, ҷашну маросими марбут ба тӯйи арӯсӣ, одоби меҳмондорӣ, варзиш, ченакҳои вазн ва ғайра бахшида шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаи таҳқиқ ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки унвонҷӯ овардааст, дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ буда, онҳо муайян менамоянд, ки диссертатсия натиҷаи таҳқиқи муаллиф ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ ва хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру андешаҳои диссертант оид ба ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти илмӣ-

тадқиқотӣ ва мероси таърихӣ-адабии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқоти оянда дар самти омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва этнографияи асрмиёнагӣ хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқро инчунин, дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, этнография метавон мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 монография, 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия ба талабот ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертатсия аз камбудию норасоиҳои ҷузъӣ холӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар сохтор ва тарҳрезии нақшаи диссертатсия баъзе нуқсонҳои мантиқӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, унвони зербоби 2.2 «Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар „Бадоеъ-ул-вақоеъ“» бо муҳтаво ва номи боби дуюм «Инъикоси вазъи мазҳабӣ ва масъалаҳои динӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”» мувофиқат намекунад. Маълум аст, ки мансабҳои маъмурӣ ва маросими дарборӣ-давлатӣ ба доираи масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва сохти давлатдорӣ тааллуқ доранд, на ба мазҳаб. Аз ин рӯ, баррасии онҳо дар боби марбут ба дину мазҳаб аз лиҳози мантиқи илмӣ асоснок нест. Ҳамчунин, дар боби сеюм омехташавӣ ва такрори мафҳумҳо мушоҳида мешавад. Масалан, дар унвони параграфи 3.2 мафҳумҳои «санъати мусиқӣ ва этнографӣ» нодуруст якҷоя карда шудаанд. Бо дарназардошти он ки этнография

илмест фарогири тамоми пахлуҳои ҳаёти моддию маънавии халқ (аз ҷумла мусиқӣ, суннат, анъана ва ҳунар) буда, аз як тараф, роҳ ёфтани мувозинатвайронкунӣ бо зербоби 3.3 («Инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”») ва аз тарафи дигар, бо мусиқӣ омехта гардидани он мантиқи илмии таҳлилро халалдор кардааст.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ диссертант мансубияти бархе аз муҳаққиқонро ба кадом кишвар ва давраи таърихӣ омехта кардааст.
3. Дар диссертатсия дар самти услуби манбаъшиносӣ ва дифференсиатсияи жанрӣ нуқсон ба назар мерасанд. Дар таҳқиқот фарқи байни жанри таърихнависӣ ва жанри тазкираю маворид ба пуррагӣ муайян нашудааст. Зеро «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пеш аз ҳама асари ёддоштӣ ва бадеию адабист, на асари холиси таърихӣ ё этнографӣ. Аммо диссертант дар баъзе ҷойҳо ривоятҳои бадеиро ҳамчун далели мутлақи таърихӣ ё этнографӣ қабул кардааст, ки ин ба талаботи манбаъшиносӣ мувофиқ нест ва таҳлили интиқодии сарчашмаро талаб мекунад.
4. Дар параграфи 2.1. “Инъикоси низоҳои мазҳабӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ” баъзе маълумоти нодуруст, аз ҷумла поягузору пешвои мазҳаби шиа ба қалам додани Исмоили Сафавӣ ва ғайра баён ёфтаанд.
5. Дар баъзе ҷойҳои диссертатсия маълумот бештар хусусияти номбаркунӣ (эссеистӣ) доранд. Аз ҷониби диссертант таҳлили муқоисавии ахбори таърихӣ ва этнографии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бо дигар сарчашмаҳои таърихии ҳамзамон ё бо пажӯҳишҳои этнографии асрҳои баъдӣ анҷом дода нашудааст.
6. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ низ ба назар мерасанд.

Муаллиф метавонад эродҳоро ҳангоми ба нашр пешниҳод кардани монография ислоҳ намояд.

**Хулоса,** диссертатсияи унвонҷӯ Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзӯи ***««Бадоеъ-ул-вақоеъ» - и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV- XVI»*** ба талаботи бандҳои 31, 33 – 35 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
**мудири кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

Адрес: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ,121
Телефон: +(992) 934162099
Элпочта: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Сайвалӣ Қодирзода**

“01” 09 2026